# СУРАТҶАЛАСАИ №33

ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D КОА-027 дар назди МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”
**аз 21 майи соли 2021**

Ҳайати шӯрои диссертатсионӣ иборат
аз 15 нафар тасдиқ шудааст.
**Иштирок доштанд:** Раиси шӯро -Шаропов Ш.А., муовини раис - Сабурӣ Х.М., котиби илмӣ - Бобоева С.Б., аъзоён: Абдуллоева М.А., Азизов А.А., Азимова Н.С., Аминҷонова М.С., Исломов О.А., Ишматова Ш.А., Файзиев И.Д., Ҳамробоев Н.А.,Хоҷаева М.Ҷ., Шарифов Э.

## РӮЗНОМА

1. Барои баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дар мавзӯи «Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдураҳимзода Қудратулло Саид) ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Аз рӯи масъалаи мазкур ахбори Шаропов Ш.А. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси шӯро, дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Бобоева Гулбаҳор Шарифовна ба шӯрои диссертатсионӣ.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ, Бобоева С.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Бобоева Гулбаҳор Шарифовна автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 26.11.2016) мувофиқат мекунад, унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро пешкаш намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

# ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дар мавзӯи «Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдураҳимзода Қ.С.) барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- доктори илмҳои педагогӣ, Исломов О.А.. – раиси комиссия;
- номзади илмҳои педагогӣ, Азимова Н.С. – аъзо;
- номзади илмҳои педагогӣ, Шарифов Э. – аъзо.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур чунин аст: тарафдор – 13, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.п., профессор Шаропов Ш.А.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
н.и.п., дотсент Бобоева С. Б.